**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертасияи Мамадқулова Рано Олимовна «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рўйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)**

Тоҷикистону Ўзбекситонро таърихи муносибатҳои неку дўстонаи чандинасра ба ҳам мепайванданд. “Мардумони моро, - таъкид менамоянд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, - суннатҳои бисёрасраи дўстӣ, ҳамсоягии нек ва эҳтироми ҷонибайн муттаҳид месозанд”.

Дўстии мардуми тоҷику ўзбек таърихи дуру дарозе дошта, дар тўли асрҳо аз санҷиши рўзгор гузаштааст. Шоирону нависандагон ин ду халқро бо ду мағзи як бодом, як себи дукафон, ду сатри як байт, ду саҳифаи як китоб, ду шохоби як дарё, ду чашми як одам, бародарони ҳамзод ва амсоли ин шабеҳ кардаанд, ки алҳақ асту рост ва аз ин гузашта халқҳои тоҷику ўзбекро, ки дар таърих, маданият, сару либос, мусиқиву рақс, меъмориву табиат, хулқу хўй, ва расму одат хеле қаробат доранд, метавон як халқи дузабона номид. Тоҷикон ва ўзбекон кишвари дўстӣ ва бародариро дар давоми садсолаҳо маъмур сохта, дар қураи мубориза ҳо бар зидди аҷнабӣ ва золимони маҳал обутоб додаанд. Бинобар ин, дар бисёр шаҳру деҳоти Тоҷикистону Ўзбекистон ўзбекон ва тоҷикон ҳамсояву ҳамдевор зиндагӣ мекунанд, деҳаҳои тоҷикнишину ўзбекнишин паси ҳам меоянд.

Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон ва ўзбекон ҳамеша ба таҳкими риштаҳои дўстию бародарӣ кўшиш мекарданд ва садоқати худро ба ин арзишҳо собит намудаанд.

Дар ин раванд диссертатсияи номзадии Мамадкулова Рано Олимовна “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ўзбекистон дар замони

истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо” саривақтӣ буда, аҳамияти илмӣ ва тарбиявӣ дорад.

Диссертант мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуда, қайд менамояд, ки дар шароити афзудани раванди ҷаҳонишавӣ, афзудани суръати тағйирёбии шароит ва муҳити байналхалқӣ кишварҳои тозаистиқлол маҷбур мешаванд, ки пеш аз ҳама дар андешаи устувор ва таҳкими робитаҳои васеъ ва ҳамаҷониба бо ҳамсоягони худ дар минтақа ва тавсеаи ҳамгароӣ дар чаҳорчӯбаи ниҳодҳои минтақавӣ бошанд. Аз ин ҷост, ки масъалаи таҳкими робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои ҳамсоя дар минтақа ба мақоми аввали афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад.

Ҳамзамон диссертант таъкид менамояд, ки дар миёни кишварҳои минтақа кишвари ҳамҷавори Ӯзбекистон, ки бо мо аз ҳама бештар марзи тулонӣ дорад, мақоми хоса касб кардааст ва ин тасодуф нест. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ дар он муайян мегардад, ки муносибатҳои ду кишвар дар сатҳи баланди шарикии стратегӣ қарор гирифта, пайваста аз ҷониби мақомоти олии ҳар ду кишвар эътироф ва эълом дошта мешаванд.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор гирифта, объекту предмети таҳқиқ, сарчашмаҳои истифодашуда баён, навгонии илмӣ, аҳамияти назарияву амалии таҳқиқ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян мегардад.

Диссертасия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертасия “Заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон” ба масъалаҳои заминаҳои таърихию сиёсӣ ва иҷтимоии ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносиатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон дар охири асри XX – аввали асри XXI бахшида шудааст.

Муаллиф боби мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки таърихи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек басо тӯлонӣ буда, аз давраҳои қадим сарчашма мегирад ва марҳилаҳои басо сарнавиштсоз ва мураккабро аз сар гузаронда, то замони мо расидааст. Дар даврони шӯравӣ, ки аз солҳои 20-ум то ибтидои солҳои 90-уми асри XX идома ёфтааст, муносибатҳои байни мардуми тоҷику ӯзбек мутобиқи рӯҳияи замон сурат гирифтаанд. Ҳанӯз дар ибтидои даврони шӯравӣ – солҳои 20-уми асри XX мардумони қаламрави Тоҷикистону Ӯзбекистон дар иншоотҳои бузургу муҳими хоҷагии халқ паҳлӯ ба паҳлӯи ҳамдигар меҳнат карда, дар сохтмони ҷомеаи навбунёди шӯравӣ саҳми худро гузошта буданд.

Хулосаи муаллиф дар бораи он, ки даврони шӯравӣ марҳилаи нави робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ин ду халқи дӯсту бародар ба ҳисоб мерафт, боиси дастгирист.

Диссертант, доир ба шароити сиёсӣ ва иқтисодии муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI сухан ронда, аз ҷумла менависад: “Барои халқи тоҷик солҳои 90-уми асри гузашта ҳамчун давраи мушкилу фоҷиабор ва сарнавиштсоз ба шумор мерафт. Дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ алоқаи иқтисодии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои аъзои Иттиҳод қатъ ёфт ва ҳодисаву рӯйдодҳои минбаъда боиси бӯҳрони иқтисодиву молиявӣ дар қаламрави мамлакат гардиданд. Бӯҳрони сиёсиву иҷтимоӣ яке аз сабабҳои асосии зуҳури ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гашт.

Дар қатори аввалин давлатҳое, ки аз оғози истиқлолияти давлатӣ ба мардуми тоҷик дасти кумаку бародарӣ дароз кард ва дар раҳоӣ аз оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва устуворшавии сулҳу субот нақши беғаразонаи худро гузошт, кишвари ҳамсояи Ӯзбекистон ҳам буд. Роҳбарияти онвақтаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо вуҷуди душворӣ ва мураккабии вазъият, афзудани хатарҳои дохиливу берунӣ бо дарки дурусти воқеа ва равандҳои тағйирёбанда аз Ҳукумати конститутсионии Тоҷикистон пуштибонӣ кард ва робитаҳои дӯстиву ҳамкориро устувор намуда, барои ворид шудани кишвари

мо ба ҷомеаи байналхалқӣ ва равандҳои ҳамгироӣ дар минтақа мусоидат кард".

Дар боби дуюми диссертатсия – "Хусусият ва вижагиҳои робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даҳсолаҳои аввали асри XXI" масъалаҳои вазъият ва вижагиҳои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даҳсолаи аввали асри XXI, ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷамъбаст гардидааст.

Шиносоӣ бо диссертасия аз он шаҳодат медиҳад, ки Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24-уми сентябри соли 2002 қабул гардида буд, ҳамчун санади муҳими муайянкунандаи сиёсати хориҷӣ мақоми давлатҳои Осиёи Марказиро дар низоми авлавиятҳои минтақавии кишвар баланд арзёбӣ намуда, зарурати рушди ҳамкорӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ бо онҳоро таъкид мекард. Ҳамчунон таъкид карда мешуд, ки Тоҷикистон ҷонибдори густариши минбаъдаи таҷрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи халқҳои Осиёи Марказӣ буда, дар доираи сиёсати "дарҳои кушод" дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар сиёсати хориҷии хеш таваҷҷуҳи асосиро нахуст ба таҳким ва тавсеаи муносибатҳои ҳасана бо кишварҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон равона намуда, робита бо ин давлатҳоро дар асоси дӯстӣ, эҳтирому эътимоди тарафайн, хайрхоҳӣ ва ҳамкории судманду созанда таҳкиму густариш бахшиданист.

Диссертант бо мисолҳои раднашаванда оид ба монеаҳои ҳамкории дуҷониба, махсусан дар соҳаи энергетика, нақлиёт, тиҷорат ва сармоягузориро мавриди таҳлил қарор додааст.

Чунончӣ, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон И.Каримов қатъиян ба сохтмони НОБ-и Роғун зид мебаромад. Расман ҷониби Ӯзбекистон изҳор медошт, ки бунёди сарбанди 335 метрӣ дар минтақаи заминҷунбиҳои фаъол, ғайриимкон аст. Ба андешаи баъзе сиёсатшиносон И.Каримов аз он хавф

неруманди фишоррасониро бо ҳамсоягони худ ба даст меорад. Аз ҷониби дигар, монеаҳои эҷодкардаи Ӯзбекистон ҳукумати Тоҷикистонро водор кард, ки ба рушди зерсохтори дохилии худ машғул шавад. Аз ҷумла, дар шароити инҳисор хатти баландшиддати "Ҷануб-Шимол" сохта шуда низоми энергетикии марказро бо вилояти Суғд пайваст кард. Роҳи оҳани нав сохта шуда, марказро бо роҳҳои ҷанубии мамлакат пайваст кард. Бештар аз 200 корхона аз гази табиӣ ба сӯзишвории алтернативӣ гузаронда, маркази барқиву гармидиҳии "Душанбе-2" ба кор андохта шуда, баробар бо таъминоти гармӣ норасоии барқиро дар зимистон коҳиш дод.

Дар даврони истиқлолият ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии ду кишвари ҳамсоя коста нашуда, балки моҳият, мазмун ва миқёси нав пайдо карданд. Дар ин солҳо як силсила чорабинҳои нави фарҳангӣ аз қабили баргузории Рӯзҳои фарҳангӣ, намоишномаҳо, виставкаҳо, озмунҳои гуонгун, санъату суннатҳои қадимаи мардумӣ эҳё ва намуди тоза ба худ гирифтанд.

Дар раванди пешравии ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарӣ дар қатори ниҳодҳои давлатӣ унсурҳои ғайридавлатӣ ва ҷамъиятӣ – аз қабили ҷамъиятҳои дӯстӣ, марказҳо ва намояндагиҳои фарҳангии тоҷикон ва ӯзбекҳо дар кишварҳои ҳамдигар ҳамчун наклкунандагон ва муаррифкунандагони арзишҳову суннатҳои миллӣ саҳми худро гузоштанд.

Масъалаҳои дар боло нишондодашуда таҷассуми худро дар зербоби дуюми боби дуюм "Ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон" ёфтаанд.

Диссертасия бо боби "Шароит ва дурнамои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегӣ" анҷом меёбад.

Боби мазкур фарогири масъалаҳои шароитҳо ва хусусиятҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар қаринаи шарикии стратегии ду кишвар, афзалиятҳо ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон мебошад.

Дар рисола қайд шудааст, ки робитаи ду давлати ҳамсоя аз моҳи сентябри соли 2016 марҳилаи сифатан навро аз сар гузаронид ва ин бесабаб набуд. Тирамоҳи соли 2016 бо ивазшавии қудрат дар Тошканд раванди муътадилшавии робитаҳои тоҷикону ўзбекон оғоз ёфт. Президенти тозаинтихоби Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Осиёи Марказиро дар сархати авлавиятҳои дипломатии хеш қарор дода эълон кард, ки нисбати Тоҷикистон сиёсати ошкоро ва прагматикӣ хоҳад буд.

Муаллиф бо далелҳои муътамад ташрифҳои роҳбарони ду давлати ба ҳам дўстро инъикос намудааст. Моҳи марти соли 2018 боздиди давлатии Шавкат Мирзиёев ба Душанбе сурат гирифт, ки онро метавон оғози дигаргуниҳои куллӣ дар робитаҳои Тоҷикистон ва Ўзбекистон номид. Дар анҷоми гуфтушунидҳо ҷонибҳо 27 созишномаро дар соҳаҳои иқтисодиёт, амният, илм ва фарҳанг ба имзо расониданд. Моҳи августи ҳамон сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Тошканд боздиди ҷавобӣ кард. Президенти Ўзбекистон саҳми барҷастаи шахсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таҳкими алоқаҳои устувори дўстона бо ордени “Эл-юрт ҳурмати” тақдим кард. Сарварони давлатҳо 26 созишнома, аз ҷумла Аҳдномаро оид ба шарикии стратегӣ ба имзо расониданд.

Зербоби мазкурро ҷамъбаст намуда, диссертант чунин иброз намудааст: “Дар натиҷаи саъю талош ва иқдомҳои наҷиби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ўзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар самти эҳёи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ҳусну тафоҳуми ҳамҷаворӣ, дўстиву бародарӣ, аз нав ба маҷрои аввалаи хеш баргашта, тамоми мардуми ин ду кишварро руҳбаланд намуд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки маҳз сиёсати оқилона, хирадмандона ва дурандешона, иродаи неки сарварони аввали сиёсии ду кишвар – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ўзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев муносибат ва равобити дўстонаву бародаронаи халқҳои тоҷику ўзбекро ба маҷрои солиму созанда равона сохта,

ба танзими муносибатҳои муттақобилаи судманд ба манфиати мардумони ҳарду кишвар заминаи устувор гузошт".

Зербоби "Афзалиятҳо ва дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон" ба таҳлилу пешниҳодҳо дар асоси омӯзиш ва бо назардошти тағйироти мусбӣ дар робитаҳои ду кишвари ҳамсоя тайи солҳои охир ва зарурияти истифодаи зарфияти бузурги мавҷуда бахшида шудааст.

Тақризи мазкурро ҷамъбаст намуда, бо боварии комил метавон гуфт, ки диссертасияи Мамадкулова Р.О. таҳқиқоти илмии том ва анҷомёфта мебошад.

Қобили қайд аст, ки диссертант дар хулосаи худ ба ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон баҳои арзанда дода, маводи арзишноки ҳуҷҷатиро доир ба минбаъда беҳтар намудани проблемаи мазкур пешниҳод менамояд.

Рисолаи номзадии Мамадкулова Р.О. ба марҳилаи муҳими таърихи халқи тоҷик бахшида шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида мешавад. Бешубҳа бояд қайд намуд, ки вай ҷои холӣ дар таърихи Тоҷикистон мавҷударо пурра хоҳад кард.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили рисолаи диссертатсионӣ ба миён омаданд баён намоям.

1. Мувофиқи мақсад мебуд ҳамкориҳои мутақобилаи марказҳои фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон ва марказҳои фарҳангии ӯзбекони Тоҷикистон васеътар инъикос карда мешуд.

2. Дар диссертатсия робитаҳои ҷавонони эҷодкори Тоҷикистон ва Ӯзекистон нокифоя мавриди таҳлил қарор ёфтааст.

3. Дар диссертатсия ва автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд.

Аммо ин эродҳо характери принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои асосии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашргардидаи унвонҷӯ мақоми диссертатсияро инъикос менамоянд.

Рисолаи диссертатсионии Мамадкулова Рано Олимовна “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо” ба талаботи пешниҳодкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқат менамояд.

Мувофиқи бандҳои 69-73, 74-77, 79 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 №267 Мамадкулова Рано Олимовна ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз ихтисоси 07.00.15 – Таърихи байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Набизода Ваххоб Машраб**

**Имзои профессор Набизода В.М.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”** **Наврузов Э.М.**

Маълумот барои тамос:
735700, Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Тел: (+992) 92-803-00-01
Email: v.m.nabiev@mail.ru